# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Раҳилаи Нураҳмадзода дар мавзуи “Ташаккули омодагии нутқии кӯдакони синни калони томактабӣ ба таҳсил дар зинаи ибтидоӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 – Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ)

Забон воситаи муҳими муомилаи байни одамон ва ифодаи фикр аст. Аз ин ҷиҳат ифодаи фикр ё нутқи кӯдакон бояд пурмазмун ва дурусту фаҳмо баён шавад. Аз ҷумла, инкишофи нутқ дар кӯдакистон ва таълими забони модарӣ дар гурӯҳҳои ибтидоӣ, аз бедор кардан, инкишоф додан, тавоноӣ бахшидан, ғанисозии захираҳои тафаккур, ҳосил намудани фикрҳои таҳлилию интиқодӣ, эҷодӣ ва созандаю офаранда иборат аст, яъне инкишофи тафаккур ва нутқи бурро мақсади машғулиятҳои таълимӣ дар кӯдакистон ва дарсҳои забони модарӣ дар гурӯҳҳои ибтидоӣ мебошад.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи забони давлатӣ" омадааст: «Забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон забони тоҷикӣ аст. Ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифадор аст забони давлатиро донад». Аз ин ҷо боз вазифаи дигари муҳим ба миён меояд, ки он нигоҳ доштан ва ҳифз кардани забони модарист, зеро он яке аз рукнҳои ҳуввияти миллист. Бинобар ин, дар шароити имрӯза барои дуруст ба роҳ мондани омӯзиши забонӣ модарӣ аз технологияҳои педагогии навине истифода бурдан лозим аст, ки инкишофи нутқи кӯдакро таъмин намоянд.

Раҳилаи Нураҳмадзода дар кори таҳқиқотии хеш таваҷҷуҳро ба яке аз самтҳои афзалиатноки кори таълиму тарбияи хурдсолон дар шароити кунунии муассисаҳои таълимии Тоҷикистон равона сохтааст. Кори диссертатсионии Раҳилаи Нураҳмадзодаро таҷрибаи илмии педагогикаи муосир, таҳлили манбаъҳои психологӣ-педагогӣ, сарчашмаҳои илмӣ, фалсафӣ, ҷомеашиносӣ, баррасии ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва барномавӣ, истифода аз методҳои дар амал санҷидашудаи таҳқиқоти илмӣ, методҳои таҳқиқоти эмпирикӣ, корбурди усулҳои мушоҳида, пурсиш, суҳбат, озмоиш, дараҷабандӣ татбиқу маънидоди оморӣ, графикии маълумот ҳангоми коркарди далелҳои санҷишиву озмоишӣ ва ҳамчунин омӯзиши натиҷаи фаъолияти омӯзгорону мураббиён ва таҷрибаи амалияи омӯзишу парвариш дар низоми таҳсилот фаро гирифтааст.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ аз ҷиҳати илмӣ асоснок будани мавзуъ, дастрас будани он, аёният, шуурона аз худ намудани маводи таълимӣ, мустаҳкамии дониш, маҳорат ва малака, такрори пай дар пай, фаъолияти дарккунии кӯдакону хонандагон, мустақилиятнокӣ, алоқаи таълим бо ҳаёт, бо муҳити бачаҳо принсипҳои асосии рисолаи илмӣ мебошанд, ки риоя намудани онҳо дар ҷараёни машғулияти инкишофи нутқ ва таълими фанни забони модарӣ маҳсуб меёбад.

Масъалаҳои назарияviву амалии марбут ба кори таҳқиқотӣ дар ду боб ва зерфаслҳои алоҳида тақсим шуда, таҳлилу баррасӣ гардидаанд. Дар муқаддима муҳимияти мавзуи илмӣ асоснок гардида, объекти таҳқиқшаванда, мавзуъ (предмет), ҳадафу вазифаҳо матраҳ гардида, фарзия ва навоварии таҳқиқот муайян гардида, аҳамияти назариявию амалии он дар пешбурди илми ватанӣ мавриди баргузории озмоишҳо дар муассисаҳои пойгоҳӣ муайян гардидаанд.

Боби якум "Ҷабҳаҳои назариявию амалии омодагии нутқии кӯдакони синни калони томактабӣ ба таҳсил дар зинаи ибтидоӣ" номгузорӣ гардида, масъалаҳои таҳлили масъалаи омодагии нутқии кӯдакони синни калони томактабӣ ба таҳсил дар зинаи ибтидоӣ дар адабиёти психологӣ-педагогӣ ва методӣ, ташаккули нутқи гуфтугӯии кӯдакони синни томактабӣ мавриди шиносоӣ бо муҳити атроф, технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ ҳамчун воситаи босамари ташаккули нутқи кӯдакони синни калони томактабӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Дар боби дуюм "Корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ оид ба ташаккули омодагии нутқии кӯдакони 5-7 сола ба таҳсил дар зинаи ибтидоӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ" ташкил гардида, ташхиси инкишофи нутқи кӯдакони синни калони томактабӣ ва коркарди барномаи озмоишӣ-таҷрибавӣ, ташкили фаъолияти педагогии татбиқи Барномаи озмоишӣ-педагогӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ ба роҳ монда шудааст. Ҳамзамон таҳлил ва арзёбии натиҷаи корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ амалӣ гардидааст.

Қайд намудан ба маврид аст, ки дар автореферат баъзе норасоиҳо дида мешавад, ки зикри он характери тавсиявӣ дорад.

1. Агар муҳаққиқ дар фишурдаи кор мутассилии омӯзиши забони модариро дар зинаи таҳсилоти томактабӣ ва ибтидоӣ бо нишон додани баъзе аз паҳлуҳои таълими забони модарӣ дар синфи якум нишон медод, натиҷаҳи таҳқиқот боз ҳам самараноктар мешуд.

2. Дар автореферат баъзе ғалатҳои имлоӣ, грамматикӣ ва техникӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо зарур мебошад.

Норасоиҳои зикргардида ҷузъӣ буда, мазмуну муҳтаво ва арзиши илмии кори таҳқиқотиро кам намесозад.

Хулоса, автореферати рисолаи илмии Раҳилаи Нураҳмадзода дар мавзуи "Ташаккули омодагии нутқии кӯдакони синни калони томактабӣ ба таҳсил дар зинаи ибтидоӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) ҷавобгӯ мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ, дотсент,
мудири кафедраи педагогика ва психологияи
синфҳои ибтидоии факултети педагогикаи
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ Фозилов С.М.

**Маълумот барои тамос:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121;
Тел: (+992) 985756555;
E-mail: suhrobf@inbox.ru

Имзои Фозилов С.М.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ Мустафозода А.